**ХУЛОСАИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-088-и назди**
**Донишгоҳи давлатии Данғара барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ**

Парвандаи аттестатсионии №__

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 10.01.2026, №6

Барои сазовор донистани Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна (Раҷабализода Шаҳло Раҷабалӣ), шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ.

Диссертатсияи Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна (Раҷабализода Шаҳло Раҷабалӣ) дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА - 088 – назди Донишгоҳи давлатии Данғара (суроға: Вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара кӯчаи марказӣ – 25; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2025, таҳти №2) 1-уми ноябри соли 2025, суратмаҷлиси №5 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна (Раҷабализода Шаҳло Раҷабалӣ) 17 июли соли 1986 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст ва соли 2008 факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси “Забон ва адабиёти тоҷик” хатм кардааст.

Аз соли 2008 то соли 2010 ба ҳайси омӯзгор дар мактаб-интернати №4-и шаҳри Душанбе ва аз соли 2010 то 2011 ҳамчун лаборанти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, аз соли 2011 то 2022 ҳамчун журналист дар МД ТВ “Сафина” кору фаъолият намудааст.

Аз моҳи ноябри соли 2024 то инҷониб ба ҳайси мудири шуъбаи таҳлил ва иттилооти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна (Раҷабализода Шаҳло Раҷабалӣ) соли 2022 (бо фармоиши ректор аз 03.11.2022, №138) ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба таҳқиқ машғул шудааст.

Диссертатсияи Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода анҷом ёфтааст.

**Роҳбари илмӣ:** Салими Хатлонӣ – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

**Муқарризони расмӣ:**

Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ва Аҳмадов Сафармад Гадомадович – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав тақризи мусбат пешниҳод кардаанд.

**Муассисаи пешбар** – Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – мудири кафедраи адабиёти муосир, номзади илмҳои филологӣ Беҳрӯзи Забеҳулло, эксперт – доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология 6D020501 – Адабиёти тоҷик), ходими илмии шуъбаи адабиёти муосир Каримова Ҳилола Қодиралиевна, котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, ходими илмии шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Шарифзода Лутфулло имзо гардида, бо имзою муҳри директори муассиса, доктори илмҳои филологӣ, профессор Шарифзода Фарангис Худой пешниҳод шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна (Раҷабализода Шаҳло Раҷабалӣ) кори баанҷомрасида ва мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълифгардида буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртиботи қавӣ дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Маводди интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**:

1-М.] Салими Хатлонӣ, Раҷабалиева, Ш. Р. Тавсифи чеҳраҳои мондагор ва номҳои таърихӣ дар шеъри Муҳаммад Ғоиб [Матн] / Хатлонӣ С., Р. Ш. Раҷабалаиева // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2024. – № 3 (55). – С. 219-226.

[2-М.] Раҷабалиева Ш. Р. Доираи мавзуоти ашъори Муҳаммад Ғоиб [Матн] / Ш.Р. Раҷабалиева // Паёми Донишгоҳи Бохтар. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2025. – № 1/1 (131). – С. 55-59

[3-М.] Раҷабалиева Ш.Р. Ҷойгоҳи ғазал дар шеъри Муҳаммад Ғоиб [Матн] / Ш.Р. Раҷабалиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – № 8. – С. 204-211.

[4-М.] Раҷабалиева Ш. Р. Бадеият ва хусусиятҳои забонӣ дар ашъори Муҳаммад Ғоиб [Матн] // Ш. Р. Раҷабалиева // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2025. – № 1 (57). – С. 280-286.

[5-М.] Раҷабалиева Ш. Р. Ошкор намудани ҳунари шоирии Муҳаммад Ғоиб / Ш. Р. Раҷабалиева // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2025. – № 2 (58). – С. 324-329.

**II. Таълифоти муаллиф дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[6-М.] Раҷабалиева Ш. Р. Тарзи истифодаи санъатҳои бадеӣ дар ашъори Муҳаммад Ғоиб / Ш.Р. Раҷабалиева // Маводи конференсияи байналмилалии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таҳти унвони «Актуальные проблемы языкознания и литературоведения в современном времени». – Душанбе, 2022. – С. 323-330.

[7-М.] Раҷабалиева Ш. Р. Ҳунари дубайтиофарии Муҳаммад Ғоиб / Ш.Р. Раҷабалиева // Маводи конференсияи байналмилалии ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами тарҷумашиносӣ: Назария ва методҳои таҳқиқи тарҷуманопазирӣ». – Душанбе, 2024. – С. 573-579.

[8-М.] Раҷабалиева Ш. Р. Мавқеи шеъри озод дар ашъори Муҳаммад Ғоиб / Ш.Р. Раҷабалиева // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таҳти унвони «Таҳқиқоти педагогӣ: мушкилот ва дурнамои он дар замони муосир». – Душанбе, 2023. – С. 265-271.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби муассисаҳо ва муҳаққиқони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. **Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедрай адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Мирзоева Маҳтовбӣ мусбат буда, муқарриз ба автореферат 3 эрод гирифтааст:

а) Истифодаи маъмулии истилоҳи "фасл" дар ҷо-ҷойи автореферат ба истилоҳи зербоб мубаддал шудааст.

б) Фасли "Корбурди ороятҳои адабӣ дар ашъори шоир" (саҳ.29-33) бо афкори умумӣ тавзеҳ шудааст. Дар ин фасл овардани намунаҳои ашъори М. Ғоиб, ки бо санъатҳои истиора, кинояву маҷоз, муболиға ва ғайра ороиш шудаанд, муҳимтар ба назар мерасад.

в) Ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва китобатӣ дар баъзе саҳифаҳои автореферат ворид шудаанд, ки ислоҳи онҳо мувофиқи матлаб хоҳад буд.

2. **Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи лингводидактика ва забонҳои дуюми хориҷии Институти забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Олтойи назди Кумитаи байналмилалии славянҳо (Юнеско) Барбашов Владимир Петрович мусбат буда, муқарриз ба автореферат эрод нагирифтааст.

3. **Тақризи** профессор, мудири кафедраи адабиёти ҷаҳони Донишгоҳи славянии Тоҷикистон – Россия Баҳманов Бахтиёр мусбат буда, муқарриз ба автореферат 1 эрод гирифтааст:

Хуб мешуд, ки муаллиф дар қисмати назариявии кор мушоҳидаҳои аниқи худро бо хулосаҳои дигар муҳаққиқон муқоиса менамуд.

4. **Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳо, сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов Сарварбӣ Миралиева мусбат буда, муаллифи он ба автореферат 3 эрод гирифтааст:

а) Дар ибораи "Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда" тибқи муқаррарот вожаи "асосӣ" зиёдатӣ мебошад (саҳ.10).

б) Нагузоштани сархат дар нишон додани "Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия" (саҳ.13).

в) Ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва китобат дар саҳифаҳои ҷудогонаи автореферат роҳ ёфтаанд, ки бартараф намудани онҳо мувофиқи мақсад мебошад.

Муқарризон дар баробари муайян намудани баъзе эроду норасоиҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии рисолаи илмӣ, ҳамчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, ӯро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки унвонҷӯ Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

– Бо истифода аз назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии самти адабиётшиносӣ таҳқиқи диссертатсионии ашъори Муҳаммад Ғоибро дар нигоҳ ба хусусиятҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии онҳо **ба анҷом расонидааст.**

– Ҷойгоҳи адабии Муҳаммад Ғоиб дар адабиёти муосири тоҷикро бо баррасии рушди мароҳили ҳунарӣ ва ҳайсияти мавзуию ғоявии ашъори вай муайян кардааст.

– Асоситарин хусусиятҳои жанрии эҷодиёти Муҳаммад Ғоиб тавзеҳи илмии худро пайдо карда, муаллифи диссертатсия бар мабнои се жанри суннатӣ: ғазал, рубоӣ, дубайтӣ ва ду жанри нави шеърӣ: чаҳорпора ва шеъри озод вижагиҳои шакливу сохтории онҳоро муайян карда, ҷойгоҳи ҳар якеро дар эҷодиёти манзуми шоир таъйин карда тавонистааст.

– Дар иртибот бо вижагиҳои сохтории ашъори Муҳаммад Ғоиб муаллиф, ҳамчунин, роҷеъ ба ашъори бачагонаи шоир таваҷҷуҳ карда, мавқеи ин навъи шеъриро дар ашъори шоир муайян кардааст.

– Ҷанбаҳои ҳунарӣ ва адабии ашъори гуногунжанри Муҳаммад Ғоибро муайян карда, нақши асоситарин орояҳои бадеиро дар онҳо баррасӣ кардааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки** дар он муаллиф бо истифода аз равишу принсипҳои таҷрибашудаи адабиётшиносии классикӣ ва муосир таҳқиқоти диссертатсиониро ба анҷом расонида, ба ҷанбаҳо ва хусусиятҳои гуногуни ашъори Муҳаммад Ғоиб дахл карда, дар ин зимн муваффақ бар баррасии муҳаққиқонаи вижагиҳои мавзуӣ, ғоявӣ, шакливу сохторӣ, поэтикӣ, ҳунарӣ ва адабии шоир гардидааст. Дастовардҳои дар ин замина бавуҷудовардаи муаллифи диссертатсия метавонанд чун сарчашмаи назариявӣ дар таҳқиқоти минбаъдаи рӯзгору осори намояндагони дигари адабиёти муосир истифода шаванд ва то ҷое дар рушди қисматҳои назариявии адабиётшиносии муосири тоҷик, бахусус, қисматҳои марбут бар сохторшиносии шеър, поэтика, ҳунар ва сабку баёни шоирона мусоидат кунанд. Ҳамчунин, таҳқиқоти унвонҷӯ ва андешаҳои назарии ӯ метавонанд дар таълифи китобҳои марбут ба таърихи адабиёти муосири тоҷик, назарияи адабиёт, нақди адабӣ, назмшиносӣ, каломи бадеъ, сабкшиносӣ, навиштани рисолаҳои номзадӣ ва ғайра мавриди истифода қарор гиранд.

Ба сифати асосҳои назариявии диссертатсия таҳқиқоти муҳаққиқону мунаққидони ватаниву хориҷӣ, монанди: И.С. Брагинский,

Абдулҳусайни Зарринкӯб, Ризо Бароҳанӣ, Шафеии Кадканӣ, Алиасғари Шеърдӯст, Шамсулҳақи Ориён, Тӯрақул Зеҳнӣ, С. Табаров, Х. Отахонова, А. Сайфуллоев, Р. Мусулмониён, Х. Шарифзода, А. Сатторзода, Х. Асозода, М. Раҷабӣ, Аскар Ҳаким, А. Кӯчарзода, А. Абдусаттор, М., Имомзода, С. Хатлонӣ, Ш. Исрофилниё, Ҷ. Саидов ва дигарон истифода гардидаанд.

Диссертатсия дар асоси усулҳои таҳлили таърихию адабӣ ва методи муқоисавӣ-таърихӣ таълиф шуда, ҳамчунин, ҳангоми таҳқиқи ашъори гуногунжанри шоир усули сохторшиносӣ ва оморӣ-татбиқӣ истифода гардид.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ иборат аз ин аст, ки** мавод ва натиҷаи пажӯҳиши ӯро метавон ҳангоми таълифи таърихи адабиёти навини тоҷик, таърихи адабиётшиносӣ, навиштан ва мураттаб сохтани китобҳои дарсӣ ва васоити таълимии марбут бар таърихи адабиёти муосири тоҷик, суханрониҳо дар иртибот ба таърихи адабиёти муосир дар макотиби миёнаю олӣ, ҳамчунин, чун асоси назарӣ дар таълифи монографияҳои илмӣ истифода кард.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот иборат аз он аст, ки** дар он дар иртибот бо объект ва предмети таҳқиқ дақиқияти маълумот, дар иртибот бо ҳаҷми маводи таҳқиқ мутобиқат бо меъёри коркардҳои таҳқиқоти диссертатсионии аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодшуда ба назар расида, ҳаҷми интишорот ва методҳои бакоргирифтаи муаллиф низ бо меъёрҳои зикршуда мутобиқат менамояд. Хулоса ва тавсияҳои муаллиф низ дар асоси коркардҳои илмии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ иборат аз он аст, ки ӯ** дар таҳқиқоти диссертатсионии худ бар коркарди пурраи мавзуи интихобкардааш муваффақ шуда, мундариҷа ва муҳтавои таҳқиқоти ӯ бо барномаҳои илмӣ робитаи мустақим дорад ва дар он мақсад, вазифа, давраи таҳқиқ, асосҳои назариявию методологӣ ва навгонӣ ифода меёбад. Муаллифи диссертатсия бо таҳқиқи ҷанбаҳои ҳунарӣ ва мушаххасоти мавзуиву бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб дар шинохти паҳлуҳои ношинохтаи каломи мавзуни шоир саҳми қобили таваҷҷуҳ гузоштааст. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар маҷаллаҳои илмӣ ба чоп расидаанд.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-088-и назди Донишгоҳи давлатии Данғара аз 10-уми январи соли 2026, дар бораи сазовор донистани Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна (Раҷабализода Шаҳло Раҷабалӣ) дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 11 нафар аъзои шуро, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2025, №34/шд) тасдиқ гардидаанд, иштирок доштанд, ки аз инҳо 3 нафарашон доктори илм ва 3 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор — Саидҷаъфаров О.Ш.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ — Шаробова М.Қ.

10.01.2026.